## ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Латипова Гуландом Сайҳомидовна дар мавзӯи «Такмили механизми қарздиҳӣ дар соҳаи кишоварзӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихисоси 08.00.07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Дар шароити доимотағйирёбандаи вазъи иқтисодӣ фаъолияти самараноки субъектҳои хоҷагидорӣ, аз ҷумла дар соҳаи кишоварзӣ аз андозаи захираҳои молиявии худӣ ва дар ҳолати нарасидани онҳо аз имкони ҷалби захираҳои қарзӣ вобаста аст. Мавсимӣ будани истеҳсолот ва вобаста ба он нокифоягии маблағҳои худӣ барои пешбурди фаъолияти иқтисодӣ боиси ташкили муносибатҳои қарзӣ гардида, зарурати истифодаи қарз ҳамчун омили иловагии пешбарандаи фаъолияти субъектҳои кишоварзӣ ба миён омад.

Талаботи иловагӣ ба воситаҳои пулию қарзӣ дар соҳаи кишоварзӣ аз мавсимию тӯлонӣ будани раванди истеҳсолӣ, зиёд будани маблағи хароҷот барои истеҳсоли маҳсулот ва хусусиятҳои дигари хоси соҳа, бармеояд.

Дар рисола инчунин он хусусиятҳои қарздиҳии кишоварзӣ, ки қарзро ногузир мегузоранд оварда шудаан аз ҷумла фарқияти давраи истеҳсолот ва давраи корӣ, ки дар мавсимияти соҳа акси худро пайдо мекунад аз ҷиҳати назария таҳлил гардидааст. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки мушкилоти мавсимият дар кишоварзии тамоми ҷаҳон эҳсос карда мешавад ва дар ҳама ҷо зарурияти мурочиат кардан ба муассисаҳои қарзӣ хусусияти доими пайдо мекунад. Муаллиф исбот намудааст, ки дар Тоҷикистон корхонаҳои кишоварзӣ бо сабаби меъёри баланд доштани қарз, яъне фоизи он ва асосан ба мӯҳлати кӯтоҳ додани қарзҳо ба душвориҳои зиёде дучор мегардад. Бояд гуфт, ки муаллиф ин бобат ҳаллу фасли аз мушкилоти номбаркардашуда баромаданро дорад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти гузошташуда ҳалли вазифаҳои зеринро тақозо менамояд:**

Таҳияи асосҳои назариявии механизмҳои ташаккули муносибатҳои қарзӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба рушди онҳо дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

- омӯзиши масъалаҳои муҳимтарини ҷараёни ташаккули захираҳои қарзӣ ва сафарбарсозии онҳо ба соҳаи кишоварзӣ;

- мушаххассозии як қатор унсурҳои муҳимтарини ташаккули муносибатҳои қарзӣ ва таъсиррасон ба рушди соҳа;

- ошкор кардани муаммоҳое, ки боиси пеши роҳи рушди муносибатҳои қарздиҳӣ ба субъектҳои соҳаи кишоварзӣ мегарданд;

- асосноккунии илмӣ ва амалии зарурати афзоиш додани механизмҳои дастрасии қарзҳо ба соҳаи кишоварзӣ ва корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;

- баррасӣ намудани накши давлат дар таъмини рушди соҳаи кишоварзӣ ва асоснок намудани самтҳои асосии сиёсати давлатӣ ҷиҳати ҳавасмандгардонии қарздиҳӣ ба соҳаи кишоварзӣ;

- пешниҳоди роҳҳои рушди қарздиҳии бонкӣ ва муносибатҳои қарзӣ бо мақсади таҳкими заминаи самарабахши моддии субъектҳои соҳаи кишоварзӣ;

- дарёфти роҳҳои самараноки ташаккули сармояи ташкилотҳои кишоварзӣ ва имконияти ҷалби захираҳои қарзӣ дар шароити имрӯза.

**Навогонии илмии таҳқиқот ин** амиқтар кардани муқаррароти назариявии моҳияти муносибат ва механизмҳои қарздиҳӣ, ташаккули захираҳои молиявии соҳаи кишоварзӣ; таҳияи тавсияҳои методӣ ва амалӣ оид ба рушди муносибатҳои қарзӣ дар соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот, ки навгонии илмии онро муайян мекунанд, аз инҳо иборатанд:

- истифодаи усулҳои самараноки ташкили раванди муносибатҳои қарзӣ ва қарздиҳӣ ба соҳаи кишоварзӣ бо роҳи баланд бардоштани иқтидори истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ арзёбӣ гардидаанд;

- муайянсозии миқдори захираҳои молиявии соҳаи кишоварзии имконпазир ва бо ин роҳ баланд бардоштани ҷараёни такрористеҳсол дар соҳа ва коҳиш додани сатҳи хавфҳои бонкӣ, давомнокии сикли истеҳсолӣ ва сатҳи пасти хароҷот исбот гардидааст;

- кушодани муаммоҳои моҳияти қарздиҳӣ ба соҳаи кишоварзӣ бо маҷмуи муносибатҳои иқтисодии байни ташкилотҳои қарзӣ ва субъектҳои кишоварзӣ, ки он хусусиятҳои фарқкунандаи хавфи қарзӣ, асосан хусусияти муддати қарздиҳӣ, масъулияти доимии давлат барои рушди соҳаи кишоварзӣ аз рӯи ухдадориҳои қарзиро дар бар мегирад;

- давраҳои зиёд шудани талабот ва дар заминаи он қарздиҳӣ ба соҳаи кишоварзӣ муайян карда шуданд, ки ҳар яки онҳо бо дараҷаи рушди низоми қарзӣ ва хусусиятҳои таъмин ва истифодаи захираҳои қарзӣ дар соҳаи кишоварзӣ тавсиф карда мешаванд;

- самтҳои дастгиришаванда ва асоснокии сиёсати дастгирии давлатӣ, ки ба зиёд шудани дастрасии захираҳои қарзӣ ба соҳаи кишоварзӣ, аз қабили ҷараёни қарздиҳӣ ва мақсаднок истифода бурдани маблағҳои қарзӣ, рушди кооператсияи кишоварзӣ ва суғуртаи кишоварзӣ мусоидат мекунанд, баррасӣ ва арзёбӣ гардидааст;

- арзёбии қобилияти қарзадокунии субъектҳои соҳаи кишоварзӣ ҳамчун дурнамои дарозмуҳлати вазъи молиявии соҳаи кишоварзӣ бо мақсади кам кардани хавфҳои бонкӣ дар раванди қарздиҳӣ таҳия карда шуда, имконияти қарзадокунии субъектҳои кишоварзӣ ошкор карда шудааст;

- дурнамои рушди нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар асоси таҳлилҳои муқоисавӣ ва модел арзёбӣ гардида рушди низоми қарздиҳӣ ба субъектҳои кишоварзӣ то солҳои 2025 нишон дода шудааст.

Ба ин хотир мавзӯи интихобнамудаи аспирант ҳамчун мавзӯи таҳқиқотӣ дар самти «Такмили механизми қарздиҳӣ дар соҳаи кишоварзӣ» дар воқеъ махсусан дар шароити ҷаҳони муосир ва муносибатҳои зудтағйирёбандаи давлатҳо, факторҳои сиёсӣ, вазъятҳои

геополитикӣ ва иттилоотӣ, низоми иқтисодию бонкӣ воқеан саривақтӣ буда, пажӯҳишҳои амиқи илмӣ ва роҳи ҳалли онро тақозо дорад.

Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон амнияти иқтисодии низоми бонкии кишвар ва таъсири омилҳои дохилию хориҷӣ ва вазъияти бозоргирӣ ва пардохтпазирии он дар баъзе аз бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ бори дигар собит намуд, ки то чи андоза ба ин низом аз рӯи таъсир ва алоқамандии он ба иқтисодиёту сиёсат аҳамият дод.

Рисолаи илмии аспирант дар чаҳорчӯбаи хронологии масоили рушди низоми қарздиҳии субъектҳои кишоварзӣ омода гардида, аз тарафи аспирант пайдарпайии ҳама механизм ва меъёрҳои диссертатсионӣ риоя карда шудаанд. Навгонӣ ва пешниҳодҳои дар раванди таҳқиқот ошкоргардида инъикосгари мақсадҳои дар таҳқиқот гузошташуда мебошанд ва ин метавонад ба мукаммал гардонидани фазои низоми бонкӣ, махсусан, ба рушди соҳаи кишоварзӣ кӯмак расонад.

Барои асоснок ва мукаммал кардани таҳқиқоти илмӣ аспирант аз асарҳои соҳавии олимони дохилию хориҷӣ ба таври васеъ дар анҷом додани кори таҳиқотии худ истифода бурдааст.

Асоснок будани муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда бо ҷамъбаст намудани таҷрибаи дохилию хориҷӣ оид ба масоили амнияти бонкӣ ва маасъалаҳои ба ин вобаста бо роҳи истифодабарии методҳои замонавии таҳлили илмии равандҳои иқтисодӣ тасдиқи худро меёбад.

Боби аввал – “Асосҳои назариявии рушди қарздиҳӣ дар соҳаи кишоварзӣ”, асосҳои назариявии рушди муносибатҳои қарзӣ дар соҳаи кишоварзӣ, омилҳои муайянкунандаи талаботи хоҷагиҳои кишоварзӣ ба қарз ва баҳодиҳии онҳо, таҷрибаи ҷаҳонии қарздиҳӣ ба хоҷагиҳои кишоварзӣ ва имкони истифодаи онҳо дар Тоҷикистон.

Боби дуввум – “Таҳлили муносибатҳои қарзӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ташаккули захираҳои молиявии

хоҷагиҳои кишоварзӣ ва зарурати истифодаи қарз, шарҳи умумии механизми қарздиҳии хоҷагиҳои кишоварзӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол, қарзпазирии хоҷагиҳои кишоварзӣ ва баҳодиҳии он.

Боби сеюм - «Самтҳои асосии такмили низоми қарздиҳии субъектҳои кишоварзӣ", асосҳои институтсионалии такмили механизми қарздиҳии хоҷагиҳои кишоварзӣ, қарздиҳӣ чун омили таъмини талаботи муваққатии хоҷагиҳои кишоварзӣ ва такмили механизми он, нақши давлат дар ҳавасмандгардонии қарздиҳӣ ба соҳаи кишоварзӣ.

Дар рисолаи диссертатсионии аспирант як қатор камбудиҳо низ ҷой дорад, ки ислоҳ намудани онҳо шарти зарурӣ мебошад:

1. Хубтару беҳтар мебуд, агар номи мавзуи диссертатсия аз "Такмили механизми қарздиҳӣ дар соҳаи кишоварзӣ" ба "Такмили механизми қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ" тағйир дода мешуд.
2. Тамоми бобҳо ва параграфҳои диссертатсия пурра ё соҳаи хоҷагии қишлоқ ва ё соҳаи кишоварзӣ карда шаванд.
3. Баъзе таҳлилҳои дар ҷавалҳо инъикосгардида пурра нестанд, масалан, дар боби 2-юми параграфи 2 маълумотҳои ҷадвали № 1 то соли 2017 қайд шудааст, ки сифати таҳқиқоти илмиро коста мегардонад.
4. Дар саҳифаи 71-и диссертатсия расми 2.1.1.- самтҳои такмили арзёбии қобилияти пардохтпазирии субъектҳои кишоварзӣ нишон дода шудааст, ки расм ба номи он мувофиқат намекунад.
5. Масъалаи тартиби ҷойгиршавии ҷадвалҳо қариб дар аксар саҳифаҳои диссертатсия нодуруст ҷойгир шудаанд. Хуб мешуд, ки ҷадвал ва диаграммаҳо пурра дар як саҳифа ҷойгир карда мешуданд.
6. Дар тадқиқоти илмӣ хуб мешуд, ки таҷрибаи давлатҳои ҳамсояро, ки ба соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон наздик мебошанд, истифода бурда шавад. Нишондиҳандаҳои марбутаи соҳаи бонкию

кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои ҳамсоя муқоиса карда шавад.

7. Дар матни диссертатсия хатогиҳои имлоӣ хеле зиёд ба чашм мерасанд, ки онҳоислоҳи саривақтиро тақозо менамоянд.

Дар хулоса ёдовар шудан бамаврид аст, кори рисолаи аз ҷониби ҳамдигар баррасишуда пас аз бознигарӣ ва ислоҳи ин камбудиҳо, метавонад барои муҳокимаи минъбанда тавсия дода шавад.

**Н.и.и., дотсенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонии ДМТ** **Васиев Ф.М.**

**«Имзои Васиев Ф.М.-ро тасдиқ мекунам»**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.**